"Тасдиқ мекунам"
Ректори Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ, д.и.т., профессор
_____________ Н.У. Ғаффорӣ
"10" ________________ 2020

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

**ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи "Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа**

Масъалаи таъсири равия ва ҳизбҳои тундраву террористӣ ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти маънавии ба доғи рӯз табдил ёфтааст. Он вобаста ба равандҳои мураккабу мушкилоти замони ҳозира, мисли моҷароҳои милливу динӣ ва минтақавӣ, мушкилоти ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иҷборӣ, инқилобҳои иҷтимоӣ, ривоҷи таассуби миллию динӣ, фаъолияти аҳзобу равияҳои ифротгарову, террористӣ хеле афзудааст ва ҷаҳони муосирро ба яке аз мушкилоти хеле ногувор-мубориза зидди терроризми байналхалқӣ, гирифтор сохтааст. Модернизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна ба бунбаст дучор шуда, ба ҷунбиши пурқуввати бунёдгарони исломӣ, ки моҳияти ифротгароӣ ва террористӣ доранд, такони бештар бахшидааст.

Ҳодисаҳои солҳои охири ин минтақа, мисли "Баҳори арабӣ", ҷанги шаҳрвандӣ дар Либия, пайдоиши "Давлати исломӣ", ҷанги шаҳрвандии тӯлонии Афғонистон ва ғайра намунаи фаъолияти ҳамингуна ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва динии онҳо ва таъсири онҳо ба ҳаёти кишварҳои мазкур қариб ба ҳама ошкор аст ва таҳқиқотҳои зиёде дар ин бора анҷом гирифтаанд. Аммо таъсири манфии маънавии ин ходисаҳо ба ҷомеа ва натиҷаи харобкоронааш ба ҳаёти маънавӣ ба андозаи зарурӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор нагирифтааст.(С.3)

Ақидаҳои зарарноку мутаассибонаи ин равияҳо маънавиёти ҷомеаро заҳролуд карда, воситаи ҷалби диндорон, хусусан ҷавонон ба амалиёти харобкоронаю терористӣ гардидаанд. Таълимоти онҳо ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгарой, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти ҷомеа хатарҳои ҷиддие доранд. Дар ҷомеа мавқеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгарой ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шавад.

Маънавиёт дар ҳама давру замон чун заминаи пешрафту тараққиёт ва ғояи созанда хизмат кардааст. Аз ин рӯ, зарар расонидан ба ҳаёти маънавӣ ва бетарафӣ зоҳир кардан ба ин масъала садди роҳи инкишофи ҷамъиятӣ мегардад ва мушкилот низ дар дунбол дорад. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин қабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву иҷтимоишон муассиртар аст. Алалхусус, вақте идеологҳои онҳо ба аслҳое такия мекунанд, ки мазмуни ҳақиқии онҳо таҳриф шудааст ва ташхиси дурусти он ба оммаи мардум, махсусан ҷавонони аз дину сиёсат камогоҳ, мушкил мебошад.

Вобаста ба ин, амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, нишон додани роҳҳои пешгирии ин таҳдидҳо масъалаи ҳаётан муҳимми тамоми ҷомеа мебошад. Вазифаи таҳқиқоти мо аз он иборат аст, ки моҳияти масъала равшан карда шуда, ҷомеа аз ин таҳдидҳо огоҳ карда шавад ва роҳҳои пурсамари мубориза зидди онҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардад. То ҳол бисёр масъалаҳое, ки моҳияти ин таҳдидҳо ва вазъияти ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷикро муназзам нишон дода, роҳу равишҳои самараноки пешгирӣ аз ин таҳдидҳоро муайян карда бошанд, ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудаанд. Ин кор, алалхусус, барои ҷомеаи Тоҷикистони имрӯза, ки

оқибатҳои даҳшатноки ҷанги шаҳрвандиро паси сар карда истодаанд, хеле муҳим мебошанд. Масъалаи таъмини амнияти маънавӣ имрӯз дар Ҷумҳурӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аз муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мешавад.(С.4)

Аҳмияти ин мавзӯъ инчунин дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур моҳияти таҳдидҳои маънавӣ аз ҷониби равияҳои тундраву ифротгаро баррасӣ шуда, таъсири номатлуби онҳо ба ҳаёти маънавии кишвар аз лиҳози фалсафӣ таҳлил мегардад, роҳу воситаҳои пешгирии ин таҳдидҳо ва таъмини амнияти ҳаёти маънавии Ҷумҳурӣ илман нишон дода мешавад. Баррасии масъалаи мазкур моҳияти зарарноки ин гурӯҳҳои динӣ-ифротиро боз ҳам равшантар месозад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи таъмини амнияти маънавии ҷомеа, таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим буда, таҳқиқоти илмии он саривақтӣ ва актуалӣ арзёбӣ карда мешавад. Барои гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм зарур аст, ки нозукиҳои ин падидаи мураккаб ошкор карда шавад. Ҳамзамон, дар сатҳи баланд рушд намудани маънавиёти ҷомеа метавонад, чун воситаи асосии маҳдуд намудани фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар шароити муосир гардад. Ин гурӯҳо баҳри амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ аз воситаҳои мухталиф истифода менамоянд. Пеш аз ҳама, онҳо ба зеҳнияти афроди ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонидан мехоҳанд, то амнияти ҷомеа, аз он ҷумла, амнияти маънавии ҷомеа халалдор гардад.(С.5)

**Мақсади таҳқиқот** – ошкор намудани таъсири ҷараёнҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон аст.

- аз ҷиҳати назариявӣ муайян намудани муҳиммияти масъалаи донишҳои назариявӣ, муайян намудани аҳмияти масъалаи омӯзиши ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза; муайян намудани мафҳуми “амнияти ҳаёти маънавӣ” ва мазмуни мафҳумҳои ба он алоқаманд;

- омӯзиш ва баррасии амнияти маънавии ҷомеа;

- ошкор намдани таҳдидҳои асосӣ ба амнияти маънавии ҷомеа, муайян намудани роҳу воситаҳои таъмини амнияти маънавии ҷомеа дар шароити муосир;

- омӯзиш ва баррасии таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, чун таҳдид ба амнияти маънавии ҷомеа;

- омӯзиш ва таҳлили чорабиниҳо, шаклу усулҳои муқовимат ва нишон додани роҳҳои пешгирии таҳдидҳои гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик.

**Навоварӣ дар таҳқиқот:**

- Бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, ҷиҳатҳои зерини он, ки навоварии рисоларо нишон медиҳанд ва таҳдидҳоро ба амнияти маънавӣ ифода мекунанд пешниҳод карда шудааст:

- мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст.

- ба таври илмӣ, воқеӣ таҳдиҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза ба ҷӯз ифротгароёни исломи инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи муосир баён шуда қайд гардидааст, ки муҳимтарин заминаи асосии таҳдиди амнияти маънавии ҷомеа сатҳи пасти маънавии қисме аз аҳолии худи ҷомеа аст.

- дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои ҷаҳони муосир пайдоишу вусъати фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки ба мушкилоту хусусиятҳои ин давраи тараққиёти кишварҳои ҷаҳони ислом алоқамандананд, мебошанд, ки ба он боз сиёсатҳои худхоҳиву бузурги давлатӣ ва рақобати онҳо илова мешавад. Масъалаи мазкур ҳамаҷониба мавриди таҳлили илми қарор гирифта таъсири он ба амнияти маънавии баъзе кишварҳои ҷаҳони ислом аз ҷумла Тоҷикистон баён шудааст.

- роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

- усулҳои муқовимат ва маҳдуд намудани таъсири фаъолияти мухталифи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик асоснок карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеаи тоҷик мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Ҷанбаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

- бо баррасии назарияҳои мухталифи илмӣ масъалаҳои муҳимми ҳифзи ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити муосир муайян карда шудааст. Барои анҷоми ин кор зарур аст, ки тасаввуроти дуруст дар бораи ҳаёти маънавии ҷомеа дар шароити кунунӣ вуҷуд дошта бошад. Ба ин мақсад, таҳлили ҳамаҷонибаи илмии ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири тоҷик пешниҳод шудааст.

- таҳлили илмии ҳаёти маънавӣ ҷиҳатҳои гуногуни таҳқиқи он- фалсафӣ сотсиологӣ ва таърихию иҷтимоиро фаро гирифтааст. Чунин таҳқиқи комплексӣ метавонад воқеият, зуҳур ва мушкилоти ҳаёти маънавии ҷомеаро дуруст ифода намоянд.

- Дар асоси таҳлилҳо роҳҳо ва воситаҳои асосии таъмини амнияти маънавии ҷомеа муайян карда шудаанд.

-роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат бо фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ мавриди таҳлилу баррасии васеи илмӣ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки муқовимат ва маҳдуд намудани фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи динӣ-ифротӣ аз як тараф, баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷомеаи тоҷик, аз дигар тараф, чун воситаҳои асосии пешгирӣ аз ин таҳдидҳо маҳсуб мешаванд. Дар таҷриба собит шуда, ки баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа заминаи асосии маҳдуд намудани ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои номатлуб мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки роҳу воситаҳои самараноки пешгирии таҳдидҳо коркард шаванд, то ҳифзи амнияти маънавии ҷомеа тақвият ёбад.

Дар рисола бисёре аз ин роҳу усулҳои муассир вобаста ба хусусиятҳои ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик пешниҳод шудаанд.

**Сухан ба мутахасиси соҳа, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Давлатов Р.Л. дода мешавад, ки Ӯ масъули навиштани тақризи ба диссертатсияи мазкур мебошад.**

Дар шароити муосир, тағйирпазирии тамоми низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, қувват гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, рӯи саҳнаи таърих омадани иштирокчиёни нави равандҳои сиёсӣ, мураккабтар гардидани тафриқаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ боиси пайдоиши як қатор масъалаҳо гардидаанд, ки дарки илмиву назариявии онҳо зарур ва ҳатмӣ шуморида мешавад. Ин масъалаҳо, дар навбати аввал, ба амният ва рушди бемамониати ҷомеа таъсири амиқ расонида, низом ва сохтори муосири ҷомеаро халалдор мекунанд. Яке аз ин масъалаҳое, ки ба амнияти ҷомеа таъсири зиёд мерасонад ва ба назар нагирифтани он ҷомеаро ба бунбаст мебарад, тағйиротҳо дар ҳаёти маънавии ҷомеа аст.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки санъат чун шакли муҳимми шуури ҷамъиятӣ ва унсури ҳаёти маънавӣ воқеиятро ба таври образнок ва амалӣ ифода мекунад ва бо ин ба дин ҳамоҳангӣ пайдо мекунад. Он модели бадеии образноки воқеияти ҳаёти инсонро ба вуҷуд меоварад, ки натанҳо ба ақл, балки ба таассуроту эҳсос такя мекунад. Мисли дин ҷаҳони хаёлӣ меофарад. Ҳамзамон, дар ташаккули дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ саҳмгузор аст. Масалан, образҳое, ки дар дин ифода ёфта, аксаран коркарди эстетикӣ шӯдаанд. Ривоятҳои динӣ ҳам монанди қиссаҳои бадеӣ шакл гирифтаанд. Ин унсури ҳаёти маънавӣ робитаи зич бо унсури динӣ дорад. Ҳатто таълимотҳои динӣ дар коркарди эстетикии онҳо, ифодаи бадеии худ осори бузурги санъату адабиётро ба вуҷуд овардаанд. Адабиёти бадеии тоҷик, хусусан адабиёти тасаввурӣ, образҳои ҷолиб ва фаромушнашавандаеро ба вуҷуд овардаанд, ки қимати бузурги эстетикӣ доранд. Равияҳои динӣ бештар ба ҷиҳатҳои эътиқодии ин афкор такя карда, бо ин восита таълимоти диниро боз ҳам қуввват мебахшанд ва завқи бадеӣ, созандагӣ, ақлгароӣ, озодандешӣ ва

амсоли онро дар доираи маҳдуд нигоҳ медоранд Дар ин радиф ахлоқ низ чун шакли шуури ҷамъиятӣ мақеи назаррас дорад. (С.17)

Маълум аст, ки ҳар як душвории ҷомеаро дар низоми иҷтимоии ҷомеа ҷустуҷӯ кардан лозим. Вобаста ба ин масъала диссертант иброз менамояд, ки солҳои охир низоми иҷтимоӣ дигаргуниҳои ҷиддиро паси сар намуд. Дар давраи Шӯравӣ ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ дар низоми раддабандӣ мувофиқи неъматҳои иҷтимоӣ, ки байни гурӯҳҳо тақсим мегардид, мавқеи худро ишғол намуд. Лекин ин нобаробарии иҷтимоӣ яку якбора боиси бархӯрди зӯроваронаи субъектҳои сиёсӣ намегардид. Қайд намудан лозим аст, ки "зӯроварӣ дар сиёсат на аз нобаробарии иҷтимоӣ, балки аз тағйироти низоми раддабандӣ ба миён меояд". Низоми раддабандӣ аз ин нуқтаи назар на ҳамеша дар ҳолати тавозуни динамикӣ қарор дорад. Дар натиҷаи ҷойивазкунии гурӯҳҳо ин вазъият ба таври муттасил тағйир меёбад. Нуқтаи баланди шиддатнокии раддабандии иҷтимоиро ба даст оварда, ҷойивазкунии мақом дар дохили он метавонанд боиси дезинтегратсияи сохтори иҷтимоии ҷомеа гардад, ки дар аксари ҳолатҳо бо зӯроварӣ ҳамроҳ аст. Маҳз дар ҳамин ҳолат эҳтимолияти ба миён омадани ифротгароии динӣ бештар мегардад. (С.56)

Хоҳ нохоҳ душвориҳои иҷтимоиро гурӯҳҳои динӣ ифротӣ ба мақсадҳои сиёсии худро кӯшиши амали хоҳанд кард. Дар доираи ҳамин масъала муаллифи рисола қайд менамояд, ки солҳои охир таҳаввулоти миқдорӣ ва сифатии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ мушоҳида мешавад. Дар асоси таъсири ҳодисаву воқеаҳои алоҳидаи минтақавӣ, ба таври дақиқ ва саҳеҳ муайян намудани гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ғайриимкон аст. Дар асоси гурӯҳҳои динӣ-ифротии мавҷуда, ҷалби захираҳои зиёди инсонӣ мушоҳида мешавад. Ба назари мо, маҳз зери таъсири раванди ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони ислом дастгирии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки дар фаъолияти худ аз ақоиди динӣ фаровон суистифода менамоянд, рӯз аз рӯз зиёд гардида истодааст.

Мувофиқи изҳороти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, дар ояндаи наздик сарҳадоти давлатҳое, ки дар он ифротгарон фаъолият менамоянд, васеъ

гардида, барои бунёди давлати ягонаи исломӣ заминаи боэътимод ба миён меояд. Ҳамзамон, ин гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дастовардҳои илму техникаро ба манфиатҳои худ истифода мебаранд. Масалан, онҳо аз воситаҳои муосири коммуникатсионӣ моҳирона истифода намуда, алоқамандиву пайвандии байни якдигарро таъмин мекунанд. Илова бар ин, тавассути дастовардҳои илмиву техникӣ онҳо нақшаҳои характери зӯроваронадоштаи худро бе монеа амалӣ мекунанд. Инчунин гурӯҳҳои диниву ифротии муосир аз воситаҳои ахбори умум низ ба таври васеъ истифода мекунанд. Маҳз бо чунин амал онҳо нақша доранд, ки ба доираи васеи одамон таъсир расонанд ва вазъиятро дар ҷомеа ноором сохта, ба ғаразҳои нопоки худ бирасанд.

Дисертант хулоса менамояд, ки агар дар охири асри X1X ва аввали асри XX гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ фаъолияти худро, асосан, дар сатҳи минтақавӣ ва ҷамъиятӣ анҷом медоданд, аммо дар шароити кунунӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, фаъолияти онҳо на танҳо дар сатҳи минтақа ё давлати алоҳида, балки дар сатҳи ҷаҳонӣ нуфуз пайдо карда, ба гурӯҳҳои байналмиллалии ифротгароии динӣ мубаддал гардидаанд, ки барои ҷомеаи ҷаҳонӣ, нисбат ба асри гузашта, хеле хатарноктар ба ҳисоб меравад.

Диссертант воқеан дуруст қайд менамояд, ки омили иҷтимоиву фарҳангӣ низ муассир аст. Зеро сатҳи пасти зеҳният ва маънавиёт ҷанбаи дигари ифротгароии-динӣ ва шомилшавии ҷавонон ба иттиҳодия ва гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ мебошад. Вазъияти сангини иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони қабл ва пас аз ҷанги шаҳрвандӣ яке аз заминаҳои мусоид барои густариши ифротгароӣ ва оқибатҳои даҳшатовари он гашт. Дар ин замина хариду фурӯш, истеъмол ва интиқоли маводи мухаддир даҳчанд тақвият ёфт. Норасоиҳои иҷтимоӣ, нодорию фақр ва тангдастиҳо на танҳо сабаби шомилшавии мардон, балки ноболиғон, занон ва модарон ба сафи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ гаштааст. Фасоди ахлоқӣ ва аз байн бурдани фарҳанги мардумӣ барои шикастани ирода ва ҳуввияти халқи тоҷик равона карда шудааст. Беҳтарин усули шикастану маҳв намудани ахлоқи ҷамъиятӣ ва сутунҳои

фарҳанги миллӣ шакл гирифтани ғоя ва ҷаҳонбинии динӣ-ифротӣ дар шуур ва тафаккури сокинони кишвар мебошад. Пайравони ҷараёни дини-ифротии салафия ва халифапараст бо баҳонаи муқовимат бо бидъат ва таассубу хурофот афкору андешаҳои террористии худро бемалол ва ҳатто озодона тавассути гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ вориди ҳар хонаводаи аҳолии тоҷик менамоянд. Омили сиёсии беруна бо ҳар усулу равиш аз фишангҳои таъсиррасон ва тобеъкунандаи худ барои аз доираи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва фарҳанги миллии тоҷикӣ хориҷ намудани ҷавонон талош доранд. Омили сиёсии беруна сабаби он гаштааст, ки қисме аз ҷавонони тоҷик дар ҳавзаҳои идеологӣ ва ақидавӣ таълиму тадрис гирифта, боиси тавлиди ихтилофу тафриқа дар муҳити динӣ ва иттилоотӣ гаштаанд.

Роҳҳои муқовимат ва пешгирии гурӯҳҳои динӣ ифротӣ дар рисола диққати махсус дода шудааст. Чуночи муаллифи рисола қайд менамояд, ки яке аз самтҳои муқовимати ҷараёнҳои динӣ-ифротӣ аз он иборат аст, ки онҳо фарҳанги миллӣ ва мазҳаби расмии миллати фарҳангии тоҷикро қабул надоранд, балки қадам фарохтар гузошта, осори илмию зеҳнӣ ва сарчашмаҳои илмию фалсафии мутафаккирони халқи тоҷикро дар асоси ҷаҳонбинии ҷоҳилият ва хурофотзадагии худ ширк, бидъат ва куфр ҳукм намудаанд. Аз ин лиҳоз, маънавиёт ва зеҳнияти миллӣ дар муҳосира ва таҳоҷуми ҷараёнҳои динӣ-ифротӣ қарор гирифтааст. Заволи маънавиёт ва ҷаҳонбинию андешаи миллии мусулмонон орзуи ҷараёнҳои динӣ-ифротӣ буда, пеш аз ҳама барои аз байн бурдани амнияти зеҳниву илмии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тамаддуни халқи тоҷик нигаронида шуда аст. Дар ин раванди тақдирсоз барои халқу Ватан иддае аз зиёиён худро аз мубориза алайҳи ҷарёнҳои динӣ-ифротӣ дар канор гирифтанд. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мегӯяд: «Суст шуданаи пояҳои давлатдорӣ ва бетарафии қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан зиёиён, ба чӣ бурда мерасонад: ба фалаҷ шудани ҳокимияти давлатӣ, поймол гардидани Конститутсия ва умуман қонун, сар бардоштани қувваҳои ифротгароию

ҷиноятпеша, бенизомӣ дар ҷомеа ва дар аксари мавридҳо ба заволи давлату шикасти миллат мерасонад».

Дастоварди муҳимми диссертатсия мазкур боз дар он зоҳир мешавад, ки дар ҳар як зербоби диссертатсия хулоса, пешниҳод ва тавсияҳои шахсӣ ва мустақилонаи диссертант баҳри пешгирӣ ва мубориза бо зуҳуроти ифротгароии динӣ-сиёсӣ оварда шудаанд, ки сатҳи илмии рисолаи докториро боз ҳам баландтар менамояд.

Бояд қайд кард, ки муаллифи рисолаи докторӣ Саидов Д.М. дар асоси ҷалби маводҳои зиёди таҳлилӣ, илмӣ-фалсафӣ, сиёсӣ ва фарҳангии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили монография, рисола, мақола, таҳқиқотҳои сотсиологӣ кори илмии хубе таҳия ва пешниҳод кардааст. Рисолаи докторӣ аз лиҳози мантиқӣ, назариявӣ ва методологӣ дуруст ва бо риояи талаботҳои илмӣ навишта шудааст. Дар анҷоми диссертатсия хулоса ва тавсияҳои муаллифи рисола баҳри рафъ кардани ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷик оварда шудаанд.

**Камбудиҳои диссертатсия**

1. Тамоми рисола аз ҷиҳати имлову стилистика ва ҳамчунин грамматика эҳтиёҷ ба таҳрир дорад. Танҳо дар як саҳифа, аз ҷумла саҳифаи аввали муқаддима (саҳ 3) чунин хатогиҳо бештар аз панҷтоянд. Мисол: сатри дуюм: ҳаёти маънавии? ё як то зиёда аст ё объекти муаянкунандаи онро маълум кардан зарур аст; ҷумлаи дуюм мантиқан ягон маънӣ надошта, маълум аст, ки тарҷумаи интелекти сунъӣ аст; мафҳумҳои забонҳои хориҷӣ истифода шуда ҳатто кӯшиши тарҷумаи лафзии онҳоро ба забони давлатӣ накардаанд ва аз луғоти муосири фалсафӣ истифода накардаанд. Минтақае, ки дар он «баҳори араб» ба вуқуъ пайваст, аз минтақаи ҷуғрофии мо фарсахҳо дур аст, мантиқан ва моҳиятан агар таъсири онро нишон медоданд дурустар мешуд.
2. Бобҳову зербобҳо ҳеҷ хулосаи мушаххас надоранд ва тавсияҳо умуман вуҷуд надоранд.

3. Эътимоднок будани баъзе муқарраротҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои илмӣ дида намешавад.
4. Баъзе тасдиқҳо бояд бо мисолҳо мукаммал мешуданд ва таъсири онҳо дар ҳувияти миллӣ ё динӣ нишодода мешуд.
5. Натиҷаҳои асосии интишоршудаи рисола дар матбуоти илмӣ низ баъзе ҷанбаҳои фалсафиро сарфи назар мекунанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои ошкоршуда ба мазмуну муҳтаво ва ҷавҳари диссертатсия таъсир намерасонад ва арзиши илмии онро коста намегардонад.

Дар умум кори диссертатсионии Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи **"Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ"** ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он **Саидов Далер Муҳибуллоевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа** мебошад.

**Эксперт:** н.и.ф., дотсент Давлатов Р.Л.

**Раискунанда :** н.и.ф., дотсент мудири
кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
тел: (+992 37 224 13 83) Бердиев Ш.П.

**Котиби ҷаласа:** Ҷураев К.Ҷ.

**Имзои** Давлатов Р.Л.Бердиев Ш.П. ва Ҷураев К.Ҷ.-ро
тасдиқ мекунам, сардори шуъбаи кадрҳои
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Назаров .Д.Қ.